Таълиф ва тасвири Вилям де Винак

# ИСОИ МАСЕҲ



Таълиф ва тасвири Вилям де Винак

# ИСОИ МАСЕҲ



PROCLAMA

Copyright © 1993 Stichting Wereldtaal, Houten, The Netherlands.
Originally published in Dutch as: "Jezus Messias".
Tajik Edition © 2003 Proclama, Doorn, The Netherlands.
All rights reserved. No part of this publication may be reproduced or transmitted in any form or by any means, electronic or mechanical, including photocopy, recording, or any information storage and retrieval system, without permission in writing from the publisher.

ISBN 90 6534 035 1

Worldwide co-edition organised and produced by
Proclama, P.O.Box 271, 3940 AG Doorn, The Netherlands.
Phone (31) 343 449419. Fax (31) 343 449418. E-mail proclama@agape.nl




Чаро ин одамон дар канори дарё ҷамъ шудаанд?


Худро тайёр кунед, зеро Подшоҳии Худо наздик аст!


Зиндагии навро сар кунед!
Табари доварии Худо бар решаи дарахтон гузошта шудааст ...
Ҳар дарахте, ки меваи хуб намеоварад, бурида ва дар оташ андохта мешавад.
Ҳамаи мо ба ин сурат нобуд мешавем, ки метавонад зиндагии дуруст пеш барад?
Ба ростӣ, ки ҳеҷ кас наметавонад аз доварии Худо фирор кунад! Аммо баъд аз ман касе меояд, ки метавонад шуморо аз дарун иваз кунад.
Иқрор шавед, ки гунаҳкор ҳастед! Оё ҳақиқатан мехоҳед, ки зиндагии шумо дигар шавад? Хуб, пас, биёед, ва дар ин об ғусли таъмид бигиред.
Акнун аз гуноҳ пок шудед ва метавонед бо зиндагии нав шурӯъ кунед.


Ҳама ин пайғамбари канори дарёро ба номи «Яҳёи Таъмиддиҳанда» мешиносанд...
Ман худ муҳим нестам. Вазифаи ман ин аст, ки роҳро барои дигаре омода кунам. Касе ки роҳи Худоро ба мо нишон медиҳад, Ӯ шуморо бо Рӯҳи Муқаддас ва оташи илоҳӣ таъмид хоҳад дод ва ба ин сурат шуморо тамоман иваз мекунад.
Ва хулоса...
Ман бояд аз Ту таъмид ёбам!
Ин корро бикун, то он чӣ ки хости Худо ҳаст, иҷро ёбад!
Падар, бигзор, ки Подшоҳии Ту биёяд ва иродаи Ту анҷом гирад!
Садое аз осмон шунида мешавад ...
«Бале Ту Писари Ман ҳастӣ. Туро дӯст медорам ва аз Ту хушнӯдам.»



Вақте, ки Яҳёи Таъмиддиҳанда заминаи омадани Масеҳро тайёр мекунад, кишвари Исроил ҷузъе аз ҳукумате императории Рум ба шумор мерафт.
Кафарнахум
Ҷалил
Носира
Қонс
Рӯди Ӯрдун
Ерусалим
Исроил
Мардуми яҳудӣ бемадад ва дар зери фишор ҳастанд. Онҳо дар интизори омадани Масеҳ, ки қарор аст биёяд, умр ба сар мебаранд. Ӯ Наҷотдиҳанда аст, ки Китоби Таврот ва дигар пайғамбарон омаданашро пешгӯӣ намуда, хабар доданд, ки Ӯ пирӯзӣ ва азамати Худоро анҷом хоҳад расонид.
Дар соҳили Рӯди Ӯрдун Яҳёи Таъмиддиҳанда ба сӯи Исо ишора мекунад.
«Нигоҳ кунед, Ӯ барраи Худост, ки гуноҳи ҷаҳонро нест месозад.»
Исо баъд аз таъмид ба воситаи рӯҳи Худо ба биёбон бурда мешавад.
У дар он ҷо 40 шабонарӯз меистад, дар ин вақт не хӯроке мехӯраду не чизе менушад. Ӯ дуо мехонаду рӯза мегирад, то вазифаи Худро бараъло дарк созад.
Барои пеш бурди кораш Исо бояд хоҳиши Худоро ба дунё маълум созад. Нақшаи Худо ин аст, ки инсониятро аз чанголи марг наҷот диҳад.
Исо шайтонро, ки ҳукмфармои торикист ва дунёро зери фишори марг ва нобудӣ қарор мекунад, муқобилат мекунад.
«Бале, Падар, хоҳиши Туро анҷом медиҳам!»



Вале шайтон бо ҳар гуна фикрҳо кӯшиш мекунад, Исоро аз иҷрои иродаи Худо ба канор созад.
«Агар Ту Писари Худо ҳастӣ, бигӯ, то ин сангҳо нон шаванд!.»
«Китоби Муқаддас (Библия) мефармояд, ки зиндагии инсон фақат вобаста ба нон нест, балки бо ҳар калимае, ки аз даҳони Худо мебарояд.»
Агар Ту Писари Худо ҳастӣ, Худро аз боми хонаи Худо поин андоз! Магар дар Китоби Муқаддас гуфта нашудааст, ки фариштагони Худо Туро дар дастҳои худ нигоҳ хоҳанд дошт, то мабодо поят ба санге бизанӣ?
Ин чунин навишта шудааст, ки «Худованди худро наозмой!»
Агар пеши Ман саҷда кунӣ ва маро бипарастӣ, ҳамаи қудрати ҷаҳонро ба Ту хоҳам дод.
«Дур шав, эй шайтон! Китоби Муқаддас мефармояд, ки бояд танҳо Худовандро бипарастӣ ва ибодат намоӣ!»
Баъд шайтон Исоро тарк мекунад ва фариштагон меоянд ва ба Исо хизмат мекунанд.
Исо пур аз Рӯҳи Муқаддас ба Ҷалил бармегардад. Ӯ дар он минтақаи пурҷамъият дар шимоли Исроил калон шудааст. Дар ин мусофират гурӯҳе Ӯро ҳамроҳӣ мекунанд. Онҳо мехоҳанд бидонанд, ки оё Исо ҳамон Масеҳ аст, ки пайғамбарон дар мавридаш пешгӯӣ карда буданд.


Дар Қонои Ҷалил тӯйи арӯсӣ барпост...
Исо ҳам дар он ҷо бо модар ва баъзе аз дӯстонаш ҳузур дорад.


Аммо дар вақти базми никоҳ ...
«Чӣ камбуде, шароб тамом шуд!»
«Он чизе Исо мегуяд ҳамонро иҷро кунед!»
Ин кӯзаҳоро аз об пур кунед ва миқдоре аз онро ба пеши раиси базм бубаред, то бичашад.
?
Об? Бале ин шароб ҳаст! Ва чи гуна шароб ҳаст!
Бичаш! Ту беҳтарин шаробро то ин дам нигоҳ доштай!
Ин чизи гушношунид аст! То ҳозир ҳаргиз ба чунин тӯйи арӯсӣ нарафта будам. Об ба шароб табдил шудааст. Ба беҳтарин шароб!
Ин буд коре, ки Исои Носирӣ кард!
Вай кист?


Кафарнаҳум деҳае, ки бо моҳидории худ машҳур буд, дар наздикии баҳри Ҷалил ҷойгир аст. Исои Масеҳ маҳз аз ҳамин ҷо таълимоти худро дар бораи Подшоҳии Худо сар мекунад.
Ва дар он ҷо нахустин шогирд-онашро интихоб мекунад.
Петрус, қаиқро дар ҷои чуқуртари баҳр бубар ва тӯрҳоятро дар он ҷо биандоз.
Эй, Устод, мо тамоми шаб заҳмат кашидем, ва ҳеҷ чизе нагирифтем.
Аммо ҳоло ки Ту мегӯӣ, иҷро мекунам.
Нигоҳ кунед, бовар намекунам!


Яъқуб! Юҳанно! Ёрӣ расонед. Ин қадар мо ҳеҷ вақт надошта будем!
Эй Худованд, аз пеши ман бирав, ман гунаҳкорам!
Петрус, натарс!
Маро пайравӣ кунед! Ман шуморо сайёди одамон мегардонам.
Аз паси Ман биёед!

Исо бо шогирдонаш сар то сари кишварро тай медунад ва ҳар ҷое, ки мерасад, Подшоҳии Худоро эълон мекунад, беморонро шифо медиҳад ва одамони мубталоро аз арвоҳи (рӯҳи) бад озод мекунад. Мардум аз рафтораш ҳайрон мешаванд ва Ӯро пайравӣ мекунанд. Онҳо аз шаҳрҳои дурдаст меоянд ва ҳатто аз Ерусалим, ки пойтахти Исроил мебошад. Онҳо диққат мекунанд, то суханашро бишнаванд...













Бо дигарон ҳамон тавр рафтор кунед, ки интизор доред бо шумо рафтор кунанд.
Душманонро дӯст доред ва барои онҳо дуо кунед.
Кори некро дар пинҳонӣ кунед, мабодо тавaҷҷӯҳи мардумро ҷалб накунед.
Ҳар кас, ки бо чашми бад ба зане нигоҳ кунад, ҳамон вақт дар дилаш бо ӯ гуноҳ кардааст.
Чароғи бадан чашм аст. Ва агар чашмат солим бошад, тамоми баданат равшан хоҳад буд; Лекин агар чашми ту хира бошад, тамоми баданат торик хоҳад буд.
Наметавонед ба ду хӯҷаин хизмат кунед. Наметавонед ҳам бандаи Худо бошед ва ҳам бандаи пул.
Ғами фардоро нахӯред. Подшоҳии Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, пас ҳамаи чизҳои лозима ба шумо дода хоҳанд шуд.
Агар шумо сухани Маро пайрави кунед, то мисли марди оқиле бошед, ки хонаашро бар санг месозад, ва на мисли марде мебошед, ки хонаи худро рӯи рег бино мекунад.


Мардум даста-даста меоянд, то Исоро дар Кафарнаҳум бубинанд.
Чӣ қадар мардум зиёд аст. Мо ба он ҷо намерасем!
Мо бояд аз роҳи бом ба сӯи Исо бирасем!
Чӣ шуд дар он боло?
Азияташон накунед! Имони онҳо бисёр устувор аст.
Гуноҳҳоят омурзида (бахшида) шуданд!
Инро шунидед!
Вай кофир аст!
Ғайр аз Худо кӣ метавонад гуноҳҳои мардумро бахшад?!
Ба назари шумо чӣ осонтар аст: бахшидани гуноҳ ё шифо додани як марди фалаҷ?
Масеҳи Худо қудрат ва ихтиёри бахшидани гуноҳҳоро дорад. Мегӯям: Аз ҷоят хез, бистаратро гир ва ба хонаат рав!


Боварӣ надорам!
Нигоҳ кунед, ман роҳ гашта метавонам!
Вай роҳ меравад!
Вале корҳои Исо на ба ҳама маъқуланд. Роҳбарони динӣ хеле диққат мекунанд, аз ҷумла, рӯзи шанбе, ки рӯзи истироҳати яҳудӣ аст. Дар ин рӯз ҳар навъ кор дар Исроил аслан кардан мумкин нест..
Дасти ин мард хушк аст. Оё мумкин аст, ки имрӯз шифояш бидиҳӣ?
Дастатро дароз кун!
Бубинед, шифо ёфтам!
Мо бояд аз Вай халос шавем.
Ба роҳбарон дар Ерусалим бояд хабар бидиҳем, ки Вай мардумро аз роҳ мезанд.


Исо бо шогирдонаш рӯи баҳри Ҷалил бо қаиқи бодбонӣ сафар мекунад.
Устод! Кӯмак кун! Ҳалок мешавем!
Чаро метарсед? Имони шумо куҷост?


Ором шав!
Онҳо дар ҷои хилват хайма меандозанд ва қаиқро маҳкам мебанданд. Вале дар кӯҳҳо ...
Ғур-р-р, Ғур-р-р..!


Як шахс дар он ҷо зиндагӣ мекунад, ки пур аз рӯҳи палид аст.
Вай меояд!
Вай наздик аст!
Исо, Ту чӣ мехоҳӣ?!
Арвоҳи палид, ӯро ором гузоред!
Эй Исо, фарзанди Худои пурқудрат, Туро бо ман чӣ кор аст?
Номат чист?
«Қӯшун» (лашкар), чун мо зиёд ҳастем.
Бигзор, ки дохили хукҳо шавем!
Рав!


?
Ман шифо ёфтам!
Биравед! Аз ин ҷо дур шавед!
Маро ҳамроҳат бар.
Не, ин ҷо бимон ва ба ҳама бигӯ, ки Худо чӣ кори бузургеро барои ту кардааст.
17.


Ман ба хости Худам коре намекунам. Фақат он чӣ мебинам, Падарам мекунад, Ман ҳам мекунам. Намехоҳам иродаи Худамро иҷро кунам, балки иродаи Падарамро ба амал бирасонам. Падар Маро Фиристад .
Исо доимо ба ҷойҳои хилват ва ором меравад ва ба Худо дуо мекунад.
Баъд аз як шаб, ки ба дуо машғул буд, Исо аз миёни ҳаввориёни (шогирдони) зиёд 12 нафарро интихоб мекунад. Ӯ онҳоро ду нафарӣ ба деҳот ва шаҳрҳо мефиристад ва қувваи берун кардани арвоҳи (рӯҳи) нопок ва шифо додани беморонро ба онҳо ато мекунад.
Шогирдон и Исо: Петрус ва бародараш Андриёс..
Яъқуб бо бародараш Юҳанно.
Филиппус ва Барталмо.


Тумо ва Матто (ки дар гузашта боҷгир ва дар хизмати истилогарони румӣ буд).
Таддо ва Яъқуби дигар.
Шимъӯн (узви ҳизби ғаюрон) ва Яҳудои Исқарют.
Бираве д. Ҳар кӣ шуморо қабул кунад. Маро қабул мекунад ва ҳар кӣ, ки Маро қабул кунад, дар воқеъ Худоеро, ки Маро фиристод, қабул мекунад.
Шогирдонаш бо хушӣ бармегарданд. Баъдан Исо бо онҳо ба саҳро меравад, то танҳо бошанд, вале мардум аз паси Вай мераванд.
Дарав зиёд аст, вале коргар кам. Пас аз соҳиби дарав дархост кунед, то барои ҷамъоварии дарав коргарони бештаре ба кор бигиред.


Исо ба суханронӣ ва шифо додан машғул аст. Шаб наздик мешавад...
Филиппус, мо аз куҷо метавонем нон бихарем ва ин мардумро сер кунем? Чаро шумо ба онҳо чизе намедиҳед?
Бисёр нон лозимаст, то битавонем ин мардумро сер кунем.
Писаре ин ҷост, ки панҷто нон ва ду моҳӣ дорад. Лекин ин барои ин одамон кам аст.
Мардумро даста-даста шинонед ва ҳар даста панҷоҳ нафар бошад.
Исо ба Худо шукургузори мекунад ...
Ӯ нон ва моҳиро гирифта пора мекунад!


Ҳазорҳо ҳазор нафар бо хӯрок таъмин мешаванд!
Вай бояд ҳамон Масеҳи ваъдадодашуда бошад.
Мо бояд Вайро подшоҳ кунем!
Нигоҳ кунед, дувоздаҳ сабад аз хӯрдаҳои нон боқӣ монд!
Ҳоло ба мардум иҷозат диҳед ва ба қаиқ савор шавед, то ба он тарафи баҳр биравед. Ман дар ин ҷо мемонам ва дуо мекунам.



Баъдан...
Кӯмак! Арвоҳ ҳаст! Рӯҳи як мурда!
Натарсед! Ин ман ҳастам.
Эй Худованд, агар Ту ҳастӣ, ба ман амр бидеҳ, то ман ҳам, бар рӯи об назди Ту биёям.
Биё!
Худовандо! Маро халос кун!
Петрус, чаро шубҳа кардӣ?


Одамоне ҳастанд, ки мехоҳанд Исоро ба зӯрӣ подшоҳ кунанд. Онҳо умед доранд, ки Исо бо қудрати Салтанати Худ истилогарони Румро аз кишвар берун биандозад. Аммо одамони дигаре бо Исо муқобила ва пайваста мухолифи Ӯ амал мекунанд ва дар нияти барангехтани қавм ба Ӯ ҳастанд.
Устод, кай ба ин ҷо омадӣ?
Ба сурогӣ Ман омадед, чун ба шумо нон додам?
Дар бораи хӯроке, ки он вайрон мешавад фикр накунед, дар бораи хӯроке, ки ба шумо умри ҷовид мебахшад, фикр кунед.
Бале, он нони воқеи худи Ман ҳастам. Ва ин нон дар воқеъ ҳамон бадани Ман аст, ки фидо мекунам, то мардум наҷот ёбанд.
Аҷаб гап мезанад, чӣ тавр баданашро ба мо бидиҳад ки онро бихӯрем?
Сафсатта!
Биё, рафтем, гумаш кун!
Ӯ ҳамаи моро фиреб мекунад!
Шумо ҳам мехоҳед биравед?
Устод, пеши кӣ биравем? Калимаҳои ҳаёти ҷовидонӣ назди Туст.



Муқовимат бар зидди Исо рӯз аз рӯз зиёд мешавад. Боҳамин сабаб, вилояти Ҷалилро тарк карда, ба шаҳрҳои дигари Исроил рӯ меоварад. Гурӯҳе аз мардон ва занон ҳамроҳаш ҳастанд.
Ҷалил
Ерусалим
Исроил
Баъдан рӯ меоварад ба Ерусалим.
Дар сари роҳ ....
Мардум, чӣ фикр мекунанд, Ман кӣ ҳастам?
Онҳо мегӯянд, ки Ту пайғамбар ҳастӣ.
Ва шумо?
Шумо чӣ фикр мекунед, ки Ман кӣ ҳастам?
Ту, Масеҳ, Фарзанди Худои зинда ҳастӣ.
Ба касе нагӯед, ки Масеҳ ҳастам. Масеҳ бояд ба Ерусалим равад ва дар он ҷо сарони Яҳуд Ӯро шиканҷа медиҳанд ва дар охири охирон мекушанд, вале се рӯз баъд аз мурдагон зинда мешавад.


Берун аз Ерусалим одамони дузду қотил бо дор кушта мешаванд. Онҳо ваҳшиёна ва аз рӯи қонунҳои Рум бар салиб мехкӯб мешаванд.
Ҳар кас, ки мехоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд худашро фаромӯш кунад,ва салиби худашро бардорад ва маро пайравӣ кунад.
Ҳар кас, ки мехоҳад ҷонашро ҳифз намояд, онро аз даст медиҳад. Вале касе, ки ҷонашро ба хотири Ман фидо кунад, онро дубора ба даст меоварад.
Инро бояд бидонед: Худованд, Худои мо, Худои яккаву ягона аст.
Ва аввалин ҳукм ин аст, ки Худовандро бо тамоми дилу ҷон ва зеҳн ва тамоми қудрати худ дӯст бидор ва дуюм ин аст, ки ҳамсояатро монанди худ муҳаббат намо!
25


Дар ин замон дар Исроил деҳаҳое вуҷуд доранд, ки махсус барои махавҳо пешбинӣ шудаанд. Бемороне, ки ба ин касалӣ мубтало шудаанд, ҳақ надоранд, ки бо оламони солим дар муносибат бошанд.
Махавҳое, ки дар роҳ ҳастанд, бояд дигаронро бо садои баланд хабар кунанд.
Махав! Махав омад!
Исо! Устод, ба мо раҳм кун!


Пеши коҳин биравед ва худро ба ӯ нишон диҳед!
Ба назди коҳин биравед? Барои санҷиш?
Ҳамон вақт мо шифо меёбем?
??
!!
Нигоҳ кун, шифо ёфтам!
Шифо ёфтем! Шифо! Шифо!
Бале!
Худоро шукр! Худо некӯст!
Магар Ман даҳ нафарро шифо надодам? Дигарон куҷо ҳастанд? Чаро онҳо ба Худо ташаккур намегӯянд?
Аз ҷояд бихез ва бирав! Имонат туро шифо додааст.


Роҳбарони яҳуд бо ҳилагару фиребгарон як мешаванд, то Исоро зери назар қарор диҳанд. Ба онҳо кору рафтори Исо маъқул нест.
Вай бо шахсони бадном, аз қабили фоҳишаҳо ва боҷгирон, ки бо истилогарони румӣ ҳамкорӣ мекунанд, ҳам сӯҳбат мешавад.
Масеҳ омадааст, то гумшудагонро пайдо кунад ва наҷот диҳад.
Масеҳ беморонро рӯзи шанбе шифо медиҳад.
Сиҳат шав!
Ва, ба хусус, кӯдаконро бо муҳаббат мепазирад.
Бигзоред, то кӯдакон ба назди Ман биёянд, зеро Подшоҳии Осмон ба чунин касоне тааллуқ дорад.


Ба Исо пайғоме мефиристанд ва ба Байт-Анот даъваташ мекунанд. Ин деҳа дар наздикии Ерусалим қарор дорад ва марде бо номи Лаъзор сокини он ҷост. Вай бемор аст ва ду хоҳараш ба номи Марта ва Марям бо Исо дӯстанд. Вақте ки Исо вориди деҳа мешавад, ба Ӯ хабар медиҳанд, ки Лаъзор муддати чор рӯз аст, ки ба хок супурда шудааст.
Худованд
Худовандо, агар Ту ин ҷо мебудӣ, бародарам намемурд!
Марта, бародарат боз зинда хоҳад шуд!
Медонам, ки Вай дар рӯзи қиёмат (рӯзе, ки мурдагон аз нав зинда мегарданд ва аз кору кирдорашон ҳисоб медиҳанд) зинда хохад шуд.
Ман қиёмат ва ҳаёт ҳастам. Касе, ки ба Ман имон оварад, ҳатто агар бимирад, ҳаёт хоҳад дошт. Оё ба Ман боварӣ дорӣ, Марта?
Бале, Худованд, ман имон дорам, ки Ту Масеҳи ваъдашуда ва Писари Худо ҳастӣ, ки бояд ба ҷаҳон биёяд.
Вайро дар куҷо гур кардед?
Худовандо, биё ва бубин!


Бубинед, чӣ қадар ӯро дӯст медоштаст.
Магар наметавонист коре кунад, ки Лаъзор зинда монад?
Ин ҷо одате ҳукмфармост, ки мурдагонро дар кафан мепечонанд ва дар дохили қабрҳои аз санг тарошидашуда мегузоранд.
Сангро ба канор гузоред!
Ҳоло бӯ гирифтааст, чунки аз дафн карданамон чор рӯз гузаштаст.
Ту ҷалоли Худоро хоҳӣ дид.
Падар, ин суханонро ба хотири ин мардум мегӯям, ки ба мо имон биёваранд, ки Ту Маро фиристодаӣ.
Лаъзор, берун биё!
Вайро боз кунед, то роҳ гашта тавонад.


Онҳое, ки бар тахти қудрат ва дар Ерусалим нишастаанд, дар бораи Исо бештар ба изтироб меафтанд.
Ин шахс бисёр мӯъҷиза нишон медиҳад.
Агар Уро ба ҳоли худаш монем, он вақт давлати Рум ба ин ҷо лашкар мекашад!
Онҳо моро мекушанд ва ибодатгоҳи азимро ба хок яксон мекунанд.
Хотирҷамъ бошед, бигзоред ин як нафар фидои мардум шавад. Чаро бояд тамоми миллат нобуд шавад?
Барои ин сабаб ҳам бояд Исо бимирад!
Аз ҳамон лаҳза равшан мешавад, ки роҳбарони яҳуд фурсати кулайро мепоянд, то Исоро ба дасти румиён таслим кунанд, ки Ӯ ба марг маҳкум карда шавад.
31


Дар вақти сар шудани ҳодисаҳо зиёфате дар Байт-Анот баргузор мешавад.
Марям!
Ин атр! Ин қадар гаронбаҳост!
Беҳтар буд онро мефурӯхтем ва пулашро ба фақирон медодем.
Яҳудо, ба вай кордор нашав, вай бадани Маро барои дафн тайёр мекунад.


Оҳиста-оҳиста иди Фисҳ (номи иди исроилиён.) ҳам наздик мешавад. Мардум аз гӯшаву канори кишвар дар Ерусалим ҷамъ мешаванд.


Роҳбарони яҳуд нақша доранд, ки Исоро дастгир кунанд. Аммо Исо роҳи Худро ба сӯи Ерусалим тағир намедиҳад.


Мардум бо овозҳои баланд вайро истиқбол менамоянд.
Зинда бод!
Зинда бод!
Зинда бод ин марде, ки ба номи Худо меояд!
Подшоҳи Исроил!
Бубинед, тамоми дунё аз паси Вай меравад.
Ин тавр мо ҳеҷ чизро ба анҷом намерасонем.


Ибодатгоҳ дар Ерусалим, маркази ибодат аст.
Дар иди Фисҳ гӯсфандонро қурбонӣ мекунанд.
Як қисмати хосе аз гӯсфандон ба хотири оштии мардум бо Худо сӯхта мешаванд.
Аммо кадом як аз гӯсфандони қурбонишуда шоистаи аз гуноҳҳо озод кардани мардум шуда метавонад?
Дар саҳни ҳавлии ибодатгоҳ тоҷирон ва саррофон ба касбу кори худ машғуланд.
Исо ҳам дар инҷо ҳузур дорад.


Хонаи Худо маҳалли дуост, вале шумо онро ба дуздхона табдил кардед.
Вай хатарнок аст, аммо мардум ба суханонаш гӯш медиҳанд.
Мо бояд чорае пайдо кунем то аз вай тезтар халос шавем.


Бояд Вайро бо ҳилае дастгир кунем ва баъд бикушем!
Аммо дар рӯзҳои ид ин корро кардан намешавад. Намехоҳем, ки шӯбе ба миён биояд.
Агар Исоро бароятон таслим кунам, чӣ қадар ба ман медиҳед?
Ин Яҳудои Исқарют аст, яке аз шогирдонаш.
Ман Исоро ба шумо оварда месупорам.
Сӣ сиккаи нуқра ба ту медиҳем, ки ин қимати як ғулом аст.


Исо ҳар рӯз ба хонаи Худо меравад, то мардумро таълим диҳад, агарчи роҳбарони динӣ бо ҷидду ҷаҳди тамом кӯшиш доранд, ки зиндагии вайро таҳти фишор қарор бидиҳанд.
Дар ин шаб Исо бо дувоздаҳ шогирд ба шаҳр меравад, то таоми шоми идро бо ҳам бихӯранд.
*Имшаб ман ин корро мекунам!*


Бо иштиёқи зиёд дар интизори чунин вақте будаам, то пеш аз ин, ки шиканҷа ва озорам шурӯъ шавад, ин шоми қурбонро бо шумо бихӯрам.
Қудратмандон мардумро бо зур ба хизмат мегиранд, аммо шумо набояд ин тавр бошед.
Роҳбари шумо бояд хизматгузор бошад.
Ман байни шумо ҳамчун хизматгор ҳастам.


Устод, Ту набояд пойҳои маро мисли ғулом бишӯӣ. Не ҳеҷ гоҳ!
Агар туро нашӯям, ту ба Ман тааллуқ нахоҳӣ дошт.
Пас, эй Худованд, на танҳо пойҳоям, балки дасту сарамро низ бишӯӣ.
Касе, ки ғусл кардааст, эҳтиёҷе ба шустушӯ надорад, ба ҷуз шустани пойҳояш.
Шумо Маро Устоду Худованд хитоб мекунед ва дуруст ҳам мегӯед. Пас Ман пойҳои шуморо шустаам, шумо ҳам бояд пойҳои якдигарро бишӯед.
Яке аз шумоён ба Ман хиёнат мекунад.
Ҳеҷ вақт!
Устод оё манам?
Яҳудо, тез бош ва корро тамом кун.


Ин корро ба ёдгории Ман давом диҳед.
Ин нон Бадани Ман аст, ки барои шумо таслим мешавад.
Ин пиёларо бигиред, чун Хуни Ман аст, ки барои шумо рехта мешавад. Ба ҳамин тартиб Худо бо шумо паймони наверо мебандад.
Ба шумо ҳукми наве медиҳам, ба ҳамдигар муҳаббат дошта бошед, ҳамон гуна, ки Ман ба шумс муҳаббат намудам.
Агар бо муҳаббат зиндагӣ кунед, пас ҷаҳониён мефаҳманд, ки шумо шогирдони Ман ҳастед.
Ман тайёрам ба ҳар ҷое, ки мебарӣ, ҳамроҳат бошам. Ҷони худро барои Ту фидо мекунам!
Петрус, пеш аз бонги хурӯс ту Маро се бор рад хоҳӣ кард.


Шаб мешавад ва Исо бо шогирдонаш аз шаҳр хориҷ мешавад. Яхудо ҳамроҳи онҳо нест.
Ман шуморо тарк мекунам, вале Падар Руҳи Муқаддасро барои шумо мефиристад. Вай шуморо доимо кӯмак мекунад ва пуштибони шумо мешавад.
Шумо медонед, Ман куҷо меравам.
Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам. Ҳеҷ кас, ҷуз ба василаи Ман наметавонад ба назди Падар биёяд.
Шумо ин ҷо бимонед ва Ман каме пештар меравам ва дуо мекунам.
Эй Падар, агар имкон бошад, ин ранҷу азобро аз Ман бигир!
Вале дар ин ҳам хости Туро мехоҳам, на хости Худро!


Чаро хобатон бурд? Хезед, хоини Ман омад!
Касеро, ки мебӯсам, ҳамон шахс аст, Вайро гиред!
Салом Устод!
Эй Яхудо, оё Масехро бо бӯса таслим мекунӣ?
Устод, бояд мубориза кунем?
Не!
Сарбозон Исоро дастгир мекунанд ва дастбаста мебаранд. Шогирдонаш ба чор тараф фирор мекунанд.


Исоро ба хонаи саркоҳин, ки раиси роҳбарони яҳудӣ аст, меоваранд. Петрус ва Юҳанно аз дур ба дунболаш меоянд.
Петрус ба даруни ҳавлӣ медарояд.
Ту ҳам бо Исо будӣ?
Не, ман Вайро намешиносам!
Ту ҳам яке аз онҳои?
Не, ман аз онҳо нестам!
Албатта, ту бо Исо будӣ. Ту аз сокинони Ҷалил ҳастӣ.
Эй мард, ман намедонам, ки ту чӣ мегӯӣ?



Қу-қу-қу-қу!
Баъдан...
Ҳоло нигоҳ накарда, бигӯ, ки туро кӣ зада истодааст!
Саҳарии барвақт Исоро ба назди шӯрои яҳудиён мебаранд.
Оё Ту Писари Худо ҳастӣ?
Худат гуфтӣ, ки ҳастам.
Куфр! Исо бояд бимирад! Исоро бубаред ба қасри румӣ, то ки вайро пурсиш кунанд!


Исоро ба назди фармондори румӣ, ки Пилотус ном дорад, меоваранд. Роҳбарони яҳудӣ мардумро бар зидди Исо бармеангезанд ва ҳар гуна тӯҳмату буҳтонро ба муқобили Вай мегӯянд.
Оё ин шаҳодатҳоеро, ки ба муқобили Ту медиҳанд, намешунавӣ?
Чӣ гуноҳе содир кардӣ?
Ман омадам, то ба ҳақиқату ростӣ шаҳодат диҳам.
Ҳақиқату ростӣ чист?
Ман дар ин мард ҳеҷ гуноҳе надидам. Аммо чун иди Фисҳ аст, як зиндониро озод мекунам. Киро озод кунам: Бараббос ё Исоро?


Бараббос!
Бараббос!
Аммо бо Исо чӣ мехоҳед, ки бикунам?
Маслубаш кун!
Исо Худро подшоҳ медонад. Ба салиб биовез ва чормехаш кун!
Агар озодаш кунӣ, пас, дигар дӯсти қайсар нестӣ!
Ту ба ҷои Вай озод ҳастӣ.
Бараббос озод карда мешавад. У ҳамчун маҳбуси сиёсӣ ба зиндон афтода буд.
...37, 38, 39!
Ман аз хуни ин мард даст мекашам!
Зинда бод подшоҳи яҳуд!



Нигоҳ кун! Эй мард!
Маслубаш кунед!
Маслубаш кунед!
Маслубаш кунед!
Пас, Пилотус мувофиқи талаби онҳо ба ҳукми дор овехтан имзо мегузорад. Марги рӯи салиб ҷазои сахте аст. Исоро маҷбур мекунанд,ки чӯби салибро ба дӯши Худ бардошта, аз миёни мардуми Ерусалим ба маҳалли куштор ҳаракат кунад.
Маҳалли куштор дар беруни шаҳр ҷой гирифта, «Ҷолҷолто» ном дорад, ба маънои «Ҷои косахонаи сар».
Аскарон Исоро ба салиб мехкӯб мекунанд.(чормех мекунанд).



Дар ин вақт Яхудо аз кори кардааш пушаймон мешавад.
Ман гуноҳ кардаам!
Ба як марди бегуноҳ хиёнат кардаам!
Ба мо чӣ?
Исоро дар паҳлуи ду ҷинояткор ба салиб мекашанд.
Эй Падар, онҳоро бубахш, чун намедонанд, чӣ мекунанд?


Тахтаеро болои сари Вай бар салиб мекӯбанд, ки рӯи он ба се забон чунин навиштаҷот сабт шуда буд: «Ин аст подшоҳи Яҳуд».
Исо аз нӯшидани сиркои зидди дард даст кашид.
Аскорон барои либоси Вай қуръапартоӣ мекунанд.
Дигаронро наҷот медод, вале наметавонад Худашро наҷот диҳад.
Агар ҳақиқатан ҳам Писари Худо бошӣ, аз болои салиб поён фаро ва Худатро наҷот деҳ!
Худат ва моро наҷот бидеҳ?
Оё ту аз Худо наметарсӣ? Сазои мо марг аст, аммо ин шахс бегуноҳ аст!
Эй Исо, вақте ба Подшоҳии Худ расидӣ, маро дар ёд дошта бош!
Хотирҷамъ бош, имрӯз бо Ман дар биҳишт хоҳӣ буд.


қарибиҳои нисфирӯзӣ он сарзаминро торикии тамом фаро мегирад.
Дар наздикии салиб модари Исо якҷоя бо Юҳанно, ки шогирди Исо, истодаанд.
Аз ҳамин соат шумо модару писар ҳастед.
Худои Ман, Худои Ман, чаро Маро тарк кардаӣ?
Ман ташнаам!
Эй Падар! Рӯҳи Худро ба дасти Ту месупорам.
Иҷро шуд ...
51


Исо соати сеи баъд аз нимирӯзӣ ҷон медиҳад. Яке аз сарбозон ба қабурғаи Вай найза мезанад ва аз захми он хуну об ҷорӣ мешавад.
Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: Вай монанди гӯсфандест, ки ба кушторгоҳ мебаранд.
Вай гуноҳҳои моро бар дӯш гирифта ва онҳоро бар салиб бурд ва ҳоло ҷон дод.
Оё Вай Масеҳ буд, ки дар интизораш будем ё не?
Биёед, биравем ва бипурсем, ки иҷозати дафн кардани Вайро ба мо бидиҳанд.
Юсуфи ромаӣ ва Ниқӯдимус ҷасади Исоро аз салиб фурӯд меоваранд, баданашро дар порчаи каттонӣ бо доруҳои муаттар мепечонанд ва дохили қабре, ки бо санги калоне баста мешавад.



Баъд аз ба поён расидани рӯзҳои истироҳати иди Фисҳ як гуруҳ занони ғамгину афсурдахотир ба назди қабри мӯҳршуда меоянд...
Сангро касе аз ҷояш беҷо кардааст!
Ҷаро зиндаро дар миёни мурдагон меҷӯед? Вай зинда шудааст! Бираведва инро ба шогирдонаш бигӯед!
Петрус ва Юҳанно баъд аз шунидани ин хабар ба сӯи қабр медаванд.
Чӣ гап?
Қабр холӣ аст?


Дар боғ дар наздикии қабр ...
Эй зан, чаро гиря мекунӣ, чӣ мечӯӣ?
Эй оғо, оё Вайро ту бурдай?
Марям!
Худованд!
Бо Ман наисто . Пеши бародарони Ман бирав ва ба онҳо бигӯ, ки акнун пеши Падари Худ ва Падари шумо ва Худои шумо боло меравам.


Ҳамон рӯз ду нафар аз ҳавворийёни (шогирдони) шикастадили Исо бо як нафар роҳгузар дар барои қатли Исо сӯҳбат мекунанд...
Оё ба пайғамбарон имон намеоваред? Муддатҳо пеш навишта шуда буд, ки Масеҳи мавъуд бояд ранҷу заҳмат бубинад, то вориди ҷалолу шукӯҳи Худ шавад.
Онҳо сари дастархон мешинанд ва ногаҳон меҳмонашон нопадид мешавад...
Ин худи Исо буд!
Зуд аз ҷой бармехезанд ва ба назди дигар шогирдони Исо медаванд.
Мо Худовандро дидем!
Марям ва Петрус низ дидаанд!
Ногаҳон...
Сулҳу саломат бар шумо бод!
Ҷаро шак доред ва бовар намекунед, ки ин Худам ҳастам? Ана, ба ин ҷои меххо дар дасту поям нигоҳ кунед!
Эй Худованди ман ва Худои ман!


Дар давоми чил шабонарӯз Исо Худро ба шогирдонаш зоҳир мекунад ва ҳатто ба 500 нафар якбора зоҳир мешавад.
Рӯзе баъзе аз шогирдонаш барои моҳигирӣ мераванд.
Дӯстон, чизе барои хӯрдан доред?
Не, чизе гирифта натавонистем.
Тӯратонро ба тарафи рости қаиқ андозед.
Чӣ қадар вазнин шудааст!
Ин Худованд аст!
Худованд!
Биёед, бо ҳам бихӯрем!



Эй Петрус, оё ба рости манро дӯст дорӣ?
Исо ин саволро такроран се бор аз Петрус мепурсад.
Эй Худованд, Ту медонӣ, ки ман Туро дӯст медорам.
Гӯсфандони Маро нигаҳбонӣ кунед!
Маро пайрави кунед!
Тамоми қудрат дар рӯи замину осмон ба Ман дода шудааст. Пас, биравед ва тамоми миллатҳоро шогирди Ман созед ва онҳоро ба номи Падару, Писар ва Рӯҳи Муқаддас таъмид диҳед ва таълим диҳед, ки ҳамаи чизҳоеро ба шумо гуфтаам иҷро кунед.
Ва бидонед, ки Ман ҳамеша ҳаррӯза то охират бо шумо ҳастам.
Баъдан Исо аз шогирдонаш ҷудо мешавад ва ба осмон меравад. Вале Вай ҳам фармудааст, ки рӯзе аз осмон ба замин бармегардад ва ҷаҳонро доварӣ мекунад.

Исо ба боло бурда шуд. Пайравони Вай дар Ерусалим зиндагӣ мекунанд ва бо дуо машғуланд. Рӯҳи Муқаддас, яъне Рӯҳи Худо меояд ва онҳоро пур мекунад. Ҳамон рӯҳе, ки дар Исо буд, баъд аз ин шогирдонашро фаро мегирад. Онҳо дар мавқеъе ҳастанд, ки зиндагиашон сар то сар табдил мешавад ва метавонанд Исоро ба мардум шиносонанд.










Ҳоло дар тамоми дунё пайравони Исо барои дуо ва хондани Китоби Муқаддас бо ҳам ҷамъ мешаванд. Онҳо мунтазам дар барномаи шоми худованд, яъне нону шароб ширкат мекунанд ва онро ба ёдгории Исо сарф мекунанд. Муҳаббати Худоро, ки қалбҳояшонро пур кардааст, ба онҳое, ки дар атрофашон ҳастанд, нишон медиҳанд.


Исо нақшаи Худоро барои инсон ба анҷом расонид.
Исо моро дӯст медорад! Миннатдор бошед ва Урс бипарастед!
Зеро Худо ҷаҳонро чунин дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар ки ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидони ёбад.
WILLEM DE VINK

## ЧАНД НУҚТА ДАР БОРОИ ИСО

Шоҳидоне зиёде буданд, ки зиндагии Исоро бевосита мушоҳида кардаанд. Чор нафари аз онҳо саргузашти Исоро ба риштаи таҳрир кашиданд. Китобҳои навиштаи онҳо ба номи Инҷилҳо, яъне чор Инҷил машҳуранд, ки ба Аҳди Ҷадид таалluқ доранд.

## МАТТО :

Матто яке аз дувоздаҳ шогирди Исост. Касби асосиаш боҷгирӣ буд ва мардум аз интихобаш сахт ҳайрон шуданд, чун гумон кардаанд, ки Исо бо интихоби Худ тан ба истилогарони румӣ дод. Мақсади асосии Матто ин буд, ки мардум бифаҳманд, ки Исо ҳамон Масеҳи мавъуд аст ва ба ҳамин далел Ӯ ваъдаҳои Худоро ва анҷоми онро дар Исои Масеҳ унвон кард.

## МАРҚУС:

Дар замони фаъолияти Исо Марқус ҳанӯз бача буд. Баъдан ҳамкори Петрус (яке аз шогирдони Исо) ва Павлуси расул гардид. Баъдтар Марқус ба Павлус ҳамсафар мешавад. Павлус шогирди Исо, ки хабари хушро ба Аврупо овард.

## ЛУҚО:

Луқо аз кишвари Юнон буд ва касби табибӣ дошт. Аксари зиндагии худро якҷоя бо Павлуси расул ба сар бурдааст ва ҳангоми сафарҳояш ба он манзилу маконҳое, ки пои Исо ба он ҷо расидааст, рафт, ва муҳаққиқи зиндагиномаи Исо гардид. Китоби дигаре ҳам навиштааст, ки маъруф аст ба «Аъмоли ҳаввориён» ва оғози калисоро шарҳ додааст.

## ЮҲАННО:

Вай ҳам шогирди Исо буд ва то охирин лаҳза назди Вай монд. Дар охири китобаш навишт: *Исо корҳои бисёре дигаре ҳам анҷом дод, ки агар ҷузъиёте онҳо ба тафсил навишта шавад, тасаввур мекунам, тамоми дунё ҳам ғунҷоиши ин китобҳоро нахоҳад дошт.*
Юҳанно аз шогирдони махсуси Исост. Вай дар охири умраш аз тарафи Исо соҳиби илҳоми илоҳӣ мешавад ва ин ҳамаро якҷоя бо мушоҳидаҳояш дар китоби таҳти унвони «Ваҳй» ба қалам дод, ки на танҳо ҷалоли Исо, балки поёни ҷаҳону коинотро низ дар бар мегирад.

## ВА ҲОЛО БА ШУМО РАСИДЕМ!

Достони зиндагии Исо ба поён нарасидааст. Дар зарфи асрҳо зиндагии Вай боис шуд, ки зиндагии мардуми бисёре табдил шуда ва нуру муҳаббати Худо дар онҳо шакл гирад. Исо ҳам мехоҳад Шуморо бо муҳаббати Худо ошно кунад, то аз он баҳраманд гардед. Зиндагии шумо фақат дар иртибот бо Исо мунаввар мегардад ва муҳити шумо ба хотири нуфузи ин муҳаббат таҳти таъсир қарор мегирад.





ИСОИ МАСЕҲ:
Ин аст қиссаи муккамал дар бораи Исои Масеҳ. Вай қариб 2000 сол пеш зиндаги кардааст. Ҳама касоне, ки бо Вай вомехурданд дар таачуб мемонданд. Он коре, ки Ӯ мекард касе пеш накарда буд. Он чизе, ки Ӯ мегуфт касе пеш нагуфта буд. Ҳар ҷое Ӯ буд муъҷизаҳо руй медоданд. Вай ба он шахсоне, ки ба Ӯ гуш меандохтанд хурсанди ва бахт овард. Акнун ин ҳама ба охир расид. Душманони Исо Ӯ ро ба қатл расонданд. Вале ин охират набуд. Акнун худат хон ва фаҳм, ки воқеа дар асл чи тавр руй додааст ва бин, ки ҳикоя дар бораи Исои Масеҳ чи тавр давом мекунад.

ИСОИ МАСЕҲ:
Ин аст қиссаи муккамал дар бораи Исои Масеҳ. Вай қариб 2000 сол пеш зиндаги кардааст. Ҳама касоне, ки бо Вай вомехурданд дар таачуб мемонданд. Он коре, ки Ӯ мекард касе пеш накарда буд. Он чизе, ки Ӯ мегуфт касе пеш нагуфта буд. Ҳар чое Ӯ буд муъчизаҳо руй медоданд. Вай ба он шахсоне, ки ба Ӯ гуш меандохтанд хурсанди ва бахт овард. Акнун ин ҳама ба охир расид. Душманони Исо Ӯ ро ба қатл расонданд. Вале ин охират набуд. Акнун худат хон ва фаҳм, ки воқеа дар асл чи тавр руй додааст ва бин, ки ҳикоя дар бораи Исои Масеҳ чи тавр давом мекунад.

PROCLAMA

Language: Tajik
ISBN 90 6534 035 1